# СЕМИНАРИ ИЛМӢ-МЕТОДӢ: МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ВА ФАРҲАНГИ ХОНАВОДАГӢ ДАР МАРКАЗИ ТАВАҶҶУҲ

**30 апрели соли 2025 дар доираи иҷрои Нақшаи корҳои илмию таҳқиқотии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37-и шаҳри Душанбе семинари илмӣ-методӣ таҳти унвони «Методикаи баргузории корҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар самти маърифати ҳуқуқӣ ва фарҳанги хонаводагӣ)» баргузор гардид.**

Чорабиниро директори муассисаи таълимӣ Ниссо Бобоёрзода оғоз бахшида, дар бораи нақши тарбия ва маърифати ҳуқуқии хонандагон, махсусан наврасону ҷавонон, дар заминаи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сухан гуфт. Ӯ таъкид кард, ки имрӯз дар соҳаи маориф озмунҳои ҷумҳуриявӣ, семинару конфронсҳои омӯзишӣ ва мизҳои мудаввар бо мақсади такмили тарбия ва маърифат гузаронида мешаванд.

Сипас, мудири шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими пажӯҳишгоҳ, доктори илмҳои педагогӣ Иматзода Л.М. бо маърузаи худ дар мавзуи “Таҳқиқи масъалаҳои мубрами тарбияи ватандӯстии наврасон дар замони муосир” баромад намуд.

Ходими калони илмии пажӯҳишгоҳ, доктори илмҳои педагогӣ Иззатулло Давлатшоев дар мавзуи “Омӯзиши Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар дар раванди таълиму тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” маъруза пешниҳод кард.

Ҳамчунин, муовини директор оид ба таълими МТМУ №37 Меҳрбону Наимова дар мавзуи “Идоракунии сифати таҳсилот – омили муҳими ташаккули маърифати ҳуқуқии хонандагон” баромад намуда, дастовардҳо ва нақшаҳои муассисаро дар ин самт муаррифӣ намуд.

Дар анҷоми семинар, хонандагони муассиса барномаи фарҳангиро ба ифтихори Пешвои миллат ва Рӯзи пойтахт – шаҳри Душанбе пешкаш намуда, шеърҳо қироат карданд.







